**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - Эпидемиология**

Яке аз проблемаҳои актуалӣ имрӯзҳо омӯзиши иртиботи мутақобилаи бемориҳои зуҳуроти клиникии узвҳои ковокии даҳон вобаста аз ҳолатҳои узвҳо ва системаҳои дарунӣ боқӣ мемонад.

Як қатор бемориҳои системавӣ метавонанд барои вазнинтар шудани чараёни бемориҳои стоматологӣ мусоидат намоянд. Аз тарафи дигар, сирояти музмини ковокии даҳон метавонад омили этиологӣ ва патогенетикии пайдошавии бемориҳои умумисоматикӣ ва бад шудани чараён ва пешгӯйии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ гарданд. То имрӯз омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва гигиенӣ ҳангоми вазниниҳои гуногуни бемориҳои стоматологӣ, ки интихоби муносиби амалҳои табобатӣ-профилактикиро муайян мекунанд, муқаррар карда нашудаанд. Нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологӣ ва гигиении бемориҳои асосии стоматологӣ дар ҷанбаи динамикӣ дар беморони дорои заминаҳои нохуби соматикӣ омӯхта нашудаанд.

Автореферати (фишурдаи) диссертатсияи Каримов Б.М. ба сифати самти имтиёзнок ба омӯзиши клиникӣ-эпидемиологии сохторҳои асосии бемориҳои стоматологӣ ва ҳолати беҳдоштии ковокии даҳон дар динамика дар заминаи бемориҳои музмини узвҳо ва системаҳои дарунӣ бахшида шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки таҳқиқоти илмии Каримов Б.М. таҳқиқоти анҷомдодашуда буда, дорои аҳамияти

муҳимми назариву амалӣ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас ва илман асосноканд.

Навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии онро мълумотҳои нави овардаи муаллифи рисола дар бораи иртиботти мутақобилаи динамикаи бемориҳои стоматологӣ бо вазнинии бемориҳои соматикӣ тасдиқ мекунанд. Бори нахуст омилҳои бартаридоштаи эпидемиологӣ дар пайдо шудани бемориҳои дандонҳо ва бофтаҳои пародонт дар беморони гирифтори бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ муайян карда шуданд.

Тавсифи динамикии иртиботти мутақобилаи байни параметрҳои клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштиву рентгенологии бемориҳои стоматологӣ ҳангоми бемориҳои системавӣ пешниҳод карда шудааст.

Равишҳои нави ташкилӣ оид ба масъалаҳои такмил додани ёрии стоматологӣ таҳия шудаанд, ки имконият медиҳанд дар ниҳояти кор ҳаҷми ёрии стоматологӣ дар шароити беморхонаҳои бисёрсоҳа васеъ ва беҳтар кунонида шавад.

Тағйиротҳои муқаррарнамудаи стоматологии клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ дар динамика ҳангоми бемориҳои системавӣ ба зарурати ислоҳи ихтилолҳои муайянкардашуда вобаста аз ҷараёни бемориҳои узвҳои ковокии даҳон далолат мекунанд.

Омилҳои муйяннамудаи бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон самти амалҳои табобатӣ – профилактикиро дар протсессҳои патологии бофтаҳои дандонҳо ва пародонт ҳангоми ихтилолҳои системавӣ муайян мекунанд.

Таҳқиқоти пешниҳоднамудаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон барои ба таври инфиродӣ ислоҳ намудани самтҳои барномаҳои табобатӣ – профилактикӣ дар шароити муассисаҳои стоматологии беморхонаҳои бисёрсоҳа ёрӣ мерасонад.

Таҳқиқоти эпидемиологӣ ва клиникӣ-гигиении гузаронидаи унвонҷӯй Каримов Б.М.имконият медиҳад, ки на танҳо сохтор ва динамикаи ҳолати бемориҳои асосии стоматологӣ ва ҳамроҳшудаи соматикӣ дар байни

гурӯҳи беморони таҳқиқшуда омӯхта шаванд, балки муҳимтар аз он, масъалаҳои такмили усулҳоиислоҳ кардани ихтилолҳои ошкоршуда омӯхта ва барномаи минтақавӣ-нишонавии профилактикӣ сохта шавад, ки мубрамияти махсус пайдо мекунанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ мантиқан аз натиҷаҳои ҳосилшуда бармеоянд ва ба вазифаҳои дар пеш гузошташуда мувофиқат мекунанд.

Ҳаҷми диссертатсия ва таҳқиқот барои ба даст овардани маълумотҳои боэътимод кофӣ мебошад. Мақолаҳои нашршуда оид ба мавзӯи диссертатсия нуқтаҳои асосии таҳқиқоти илмиро пурра инъикос мекунанд. Оид ба мавзӯи диссертатсия 40 кори илмӣ нашр шудааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Автореферат (фишурда) моҳият ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Оид ба маводҳои дар автореферат овардашуда эродҳои ҷиддӣ нест.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович дар мавзӯи: «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», таҳқиқоти мустақилона ва илмӣ-квалификатсионии ба анҷомрасида буда, самтҳои нави ҳаллу фасл кардани вазифаҳои актуалӣ (мубрам)-омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикиро пешниҳод менамояд ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳқиқотҳои диссертатсионии сарфароз гардонидани унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология пешбинӣ шудаанд, мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сарфароз шудан ба унвони илмӣ сазовор аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Б.М. аз лиҳози мубрамӣ, навгонӣ, ҳаҷм ва сатҳи таҳқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методолгӣ ба талаботи бандҳои 3, қ. 31, 34 «Тартиби додани унвони илмӣ»

ба диссертатсияҳои номзадӣ равонашуда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сарфароз шудан ба унвони илмӣ сазовор аст.

Муовини директори МД «Маркази ҷумҳуриявии
пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО»,
оид ба масъалаҳои эпидемиологӣ,
номзади илмҳои тиб А. Солиев

**Маълумот барои тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Суроға: кӯчаи Деҳотӣ, 48
Тел.: (+992)37-234-34-42; (+992) 900-09-40-50
e-mail: salijon@mail.ru

**30.08.с.2022.**